Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи "Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Бозори шир ва маҳсулоти ширӣ яке аз бозорҳои стратегии ғизо ба шумор рафта, рушди он бо вазъияти хоҷагиҳои фермерӣ—истеҳсолкунадагони шир алоқамандии зич дорад. Шири хом захираи асосии истехсоли махсулоти ширӣ буда, бештар аз нисфи арзиши аслии махсулоти онро ташкил медиҳад. Бинбар ин, баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз нархи бозори шир ва сифати шир вобастагии калон дорад. Бо шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо талабот ба сифати шир ва маҳсулоти ширӣ зиёд шуда, рақобатпазир будани маҳсулот вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ гардидааст. Бо мақсади рақобатпазирии маҳсулоти ширӣ ва зиёд намудани ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳоли маҳсулоти ширӣ дар шароити шадиди рақобат, ки дар марҳилаи саноатикунонии босуръат пеш омадааст, зарурияти дарёфти роҳҳои оптималии кам кардани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ ва таъмини истеъмолкунандагон ба маҳсулоти ширии ватанӣ ба миён омадааст.

Масъалаи илмии омӯзиши идоракунии баландабардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ баҳсталаб буда, дарёфти роҳҳои баландбардории фоида ва сарчашмаҳои бавуҷудоии он дар марҳилаи реиндустриализатсия, ки асоси онро рушди технологияи рақамӣ ташкил медиҳад, то имрӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Ҳамин тариқ, идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ механизми асосии зиёд намудани фоида дар корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб рафта, мубрамияти таҳқиқоти мазкур мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои тақсим ва ташаккули фоида, нақш ва моҳияти

фоида дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва роҳҳои баланд намудани он дар корхонаҳои саноатӣ бахшида шудаанд, ташкил доданд. Муқаррароти асосии назариявии тадқиқоти диссертатсия бо пешниҳодҳои мушаххас аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, барои рушди корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо истифода аз усулҳои идоракунии хароҷотҳои истеҳсолӣ равона карда шудаанд.

Омӯзиши матни автореферати диссертатсияи Сафарзода Г.Г. нишон дод, ки он дар асоси талаботи муқарраргардида таҳия гардидааст ва чунин бармеояд, ки таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи баланди назариявӣ, методӣ ва амалӣ ба анҷом расонида шудааст. Ба андешаи ӯ, идоракунӣ яке аз механизмҳои асосии баландабрории фоидаи корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад ва саҳми муаллиф низ дар автореферат дар он ифода меёбад.

Унвонҷӯ Сафарзода Г.Г. дар заминаи таҳқиқи ҷиҳатҳои назариявӣ – методӣ асоснок кардааст, ки фоида манбаи асосии дохилии ташаккули захираҳои молиявии корхона ва таъмини рушди он буда, дар системаи манбаҳои дохилии ташаккули захираҳо мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар баробари ин, бар хилофи баъзе манбаҳои дохилӣ ташаккули захираҳои молиявии корхона, фоида сарчашмаи доимо такроршаванда буда, такрористеҳсолкунии он дар шароити идоракунии муваффақиятнок ба таври васеъ сурат мегирад.

Ба андешаи унвонҷӯ Сафарзода Г.Г. дар барбари кам кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ тавассути усулҳои гуногуни ҳисобкунӣ – "муттаҳид намудани корхонаҳои фаъолияташон бо ҳам алоқаманд дар сатҳи минтақа низ барои рақобатпазир гардонидани маҳсулоти истеҳсолӣ ва расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ пазируфта шуда, маҳз кластеризатсия ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки дар бозор мавқеи устуворро ишғол намоянд" (с.13).

Муаллиф дар автореферати худ дар асоси таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе сабабҳоеро, ки барои пешрафти соҳа таъсири манфӣ гузоштаанд, муайян намуда (с.16), омилҳои ба таъсиррасонро вобаста ба сатҳи таъсиррасонӣ ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст (расми 1.) ва хеле хуб шарҳ додааст (с.17). Дар асоси маълумотҳои дохилии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо истифодаи усули коррелятсионӣ – регрессионӣ омилҳои ба арзиши аслии маҳсулоти ширӣ таъсиррасонро ба таври дақиқ муайян намуда, асоснок намудааст, ки корхонаҳои саноатӣ бояд технологияҳои рақамиро дар истеҳсолот ҷорӣ намоянд (с.18-20).

Самтҳои асосӣ ва роҳҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои тараққикарда дар автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст. Хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудааст ва коркардҳои илмии натиҷагиришудаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар ҷараёни таълим, таҳияи барномаҳои давлатӣ истифода бурдан мумкин аст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро ба таври пурра инъикос намуда, таълифоти унвонҷӯ аз сатҳи баланди муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад, ки он дар асоси талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) таҳия гардидааст.

Дар баробари афзалияту дастовардҳо ва пешниҳоди дақиқи илмӣ, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи унвоҷӯ аз аҳамият холӣ нест.

1. Агар дар автореферат дурнамои арзиши аслии ҳамаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе нишон дода мешуд, он гоҳ мазмун ва муҳтавои таҳлил пурра ва дақиқ дарҷ мегардид.

2. Агар дар автореферат ҳиссаи соҳаи саноати хӯрокворӣ, аз ҷумла саноати шир ва маҳсулоти ширӣ дар соҳаи саноат нишон дода мешуд, қиммати илмии таҳқиқот боз ҳам баланд мегардид.

Эродҳои болозикр хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Сафарзода Гулбегим Гурез ҳангоми навиштани кори диссертатсионӣ дар мавзӯи “Идоракунии баланбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)” қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи "Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит"-и
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ
Шоҳтемур, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Тел./Fax/: (992-372) 24 72 07
E-mail.: rectortau31@mail.ru

*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 15*
*назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба*
*номи академик М.С.Осимӣ (734042, ш.Душанбе,*
*хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)*

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи "Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Дар шароити ноустувор ва зудтағйирёбандаи муосири иқтисодӣ яке аз вазифаҳои муҳими фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ идоракунии баландбардории фоида ба ҳисоб меравад. Зарурати асосноккунии назариявии усулҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, душвории ҳалли ин вазифаҳо дар амал муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти мазкур, ҳадаф, вазифаҳо ва сохти онро муайян намудааст.

Мундариҷаи автореферати диссертатсия бо истифодаи принсипи пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, масъалаҳои муҳими мавзуи таҳқиқот бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии интихобшуда, объект, мавзӯъ, навгонии илмӣ ва дигар талаботҳои таҳияи рисолаҳои номзадии аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор дода шудааст.

Муҳтавои автореферати диссертатсия ва равишҳои илмии истифоданамудаи унвонҷӯ Сафарзода Г.Г. исбот менамояд, ки мавзуи таҳқиқотӣ барои саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад ва масъалаест, ки то имрӯз вобаста ба дигаргуншавии омилҳои таъсиррасон бояд омӯхта шавад. Ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот фарзияҳои нави илми иқтисодиёти саноатиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ошкор намуда, ҳамзамон ақидаҳои илмии асосноккардашуда, метавонанд барои такмили идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои муҳим гузоранд.

Яке аз бартариятҳои автореферати диссертитсия он аст, ки муаллиф усулҳои идоракунии хароҷотҳоро аз рӯи таҷрибаи давлатҳои

хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор додааст (с. 13) ва қайд намудааст, ки “барои самаранок идора кардани хароҷот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ системаеро ташкил кардан лозим аст, ки маҷмӯи унсурҳо ва равандҳои идоракунии хароҷотро бо вазифаҳо ва муносибатҳои хоси онҳо дар бар гирад ва он тавассути татбиқи маҷмӯи тадбирҳо оид ба оптимизатсияи хароҷот ба даст оварда мешаванд”.

Аз таҳлили автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Сафарзода Г.Г. чунин бармеояд, ки мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия нишондодашуда дуруст ба роҳ монда шудаанд ва онҳо метавонанд вазъи муосири раванди соҳаи саноати истеҳсоли маҳсулоти шириро беҳтар созанд.

Дар автореферати диссертатсия унвонҷӯ дуруст қайд намудааст, ки корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҳавасманданд, ки мунтазам фоидаи худро на танҳо аз ҳисоби пасткунии арзиши аслии маҳсулот, балки ҳам аз ҳисоби зиёд кардани миқдори маҳсулоти ширӣ, васеъкунӣ ва навкунии номгӯи маҳсулот, баландбардории сифати маҳсулот баланд намоянд (с.14). Дар асоси таҳлили дар боби дуюм овардашуда гуфтан мумкин аст, ки таҳлили ҳолати муосири корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе амиқ ва дақиқ анҷом дода шудааст.

Муаллиф асосҳои назариявии омилҳои таъсиррасонро ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ пурра мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро (расми 1-и автореферати диссертатсия) гурӯҳбандӣ намудааст, ки барои муайян кардани самтҳои асосии ҷустуҷӯи захираҳои баландбардории самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ муҳим мебошад (с.16).

Барои асоснок намудани омилҳои дохилии таъсиррасон ба ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ муаллиф аз амсилаи коррелятсионӣ – регрессионӣ истифода намуда, таъсири омилҳои дохилиро муайян намуда, самтҳои афзалиятноки баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро бо пешниҳодҳои ҷолиби диққат дар автореферати диссертатсия манзур намудааст.

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки лизинг ҳамчун омили рушди истеҳсолот бо роҳи таҷдиди фондҳои асосии истеҳсолӣ, мукаммалгардонии технологияҳо, рушди фаъолияти инноватсионӣ яке аз самтҳои асосии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба ҳисоб меравад (с.21).

Мо чунин иброз менамоем, ки дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферати диссертатсияи Сафарзода Г.Г., баъзе камбудиҳо ва нуқтаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд:

1. Агар дар автореферати диссертатсия системаи идоракунии хароҷотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ нишон дода мешуд, он гоҳ сифати таҳқиқот пурмуҳтаво мегардид.
2. Агар дар автореферати диссертатсия ҳолати муосири корхонаҳои дигари шаҳри Душанбе бо усули риёзӣ - иқтисодӣ нишон дода нашудааст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти волои кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро инкор намекунанд. Кори диссертатсионӣ пурра анҷомёфта ҳисобида шуда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

Дар маҷмӯъ, ба андешаи мо, автореферати тақризшаванда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзуи “Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика кори илмии мантиқан ба итмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикргардида мебошад.

Тақриздиҳанда:
д.и.и., профессори кафедраи
идоракунии давлатию маҳаллии
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ.

Имзои Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷӯраев Ш.Н.

«____»__________2023

734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
E-mail: gafurjon51@mail.ru

Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 15 назди
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ
(734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи "Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Таъмини амнияти озуқаворӣ, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ва саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафҳои асосии "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ба ҳисоб рафта, амалӣ гардидани ҳадафҳои мазкур боиси таъмини рушди устувори иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли молҳои рақобатпазир, зиёд кардани иқтидори содиротии мамлакат ва ниҳоят баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мегардад. Таҳлили нишондиҳандаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки бо фароҳам овардани шароити мусоид ба соҳибкории истеҳсолӣ дар солҳои охир шумораи бунёд ва таҷдиди корхонаҳои саноатӣ зиёд гардидааст. Ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ низ дар ҷумҳурӣ афзоиш ёфта, содироти маҳсулоти хӯрокаи ватанӣ низ ба назар мерасад. Аммо новобаста аз ин дастовардҳо, таъминоти аҳолӣ бо ғизои хушсифати ватанӣ ҳамчун масъалаи мубрам дар назди иқтисодчиёни мамлакат боқӣ мондааст. Маҳсулоти ширӣ, ки ба маҳсулоти ниёзи аввал дохил мешавад, меъёри он ба сари аҳолӣ дар як сол 36.9 кг мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, №775 муқаррар шудааст, аммо дастрасии он барои аҳолии шаҳрҳо нисбат ба ҷамоату деҳот мушкилтар ба назар мерасад. Маҳз ҳамин мушкилиҳоро ба инобат гирифта қайд кардан ба маврид аст, ки мавзӯи диссертатсияи муаллиф дар шароити таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди шуғли пурмаҳсул мубрам буда, дарёфти роҳҳои баландбардории фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ механизми асосии рушди соҳа ба ҳисоб меравад.

Пажуҳишҳои як қатор олимони ватанию хориҷӣ, усулҳои идоракуии хароҷотҳо дар корхонаҳои саноатӣ, барномаҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои методологии таҳқиқотро ташкил намудаанд.

Муаллиф дар автореферат дуруст иброз намудааст, ки масъалаи мазкур аз ҷониби иқтисодчиёни сершумор мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо ҳанӯз дар иқтисодиёти мамлакат аксари корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар муддати кӯтоҳ ба мушкилиҳои молиявӣ дучор гардида, фаъолияти худро қатъ менамоянд. Дар шароити гузариш ба марҳилаи нави индустриалӣ, ки рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ душвор гардидааст, зарурат ба омӯзиши мавзӯи мазкур дучандон гардида, дақиқ муайян намудани механизимҳо ба баландбардории фоидаи корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон, ташкили бизнес – раванд ва пешниҳоди роҳҳои рушди босуръат бо кам намудани хароҷотҳои корхона ба таври алтернативӣ ба миён омадааст (с.3). Аз мазмуни автореферати Сафарзода Г.Г. маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявии олимон – иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ истифода шуда, натиҷаҳои илмӣ ба масъалаҳои такмили усулҳо ва механизмҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бахшида шудаанд.

Унвонҷӯ Сафарзода Г.Г. бо мақсади ноил шудан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда усулҳои зерини илмӣ-таҳқиқотиро мавриди истифода қарор додааст: тахаюлоти илмӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили сабабӣ-оқибатӣ, таҳлили маҷмӯӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, усули таҳлили эмпирикӣ, хулосабарорӣ, аналогия, таҳлиди маълумоти оморӣ, ифодаёбии графикӣ ва ҷадвали маводи аслӣ.

Аз нигоҳи муаллифи диссертатсия фоида ҳамчун мақсади асосии фаъолияти корхона, инчунин функсияи сарчашмаи асосӣ барои пайдо намудани навигариҳо дар истеҳсоли маҳсулот мебошад, ки бо идоракунии дурусти он дар оянда барои рушди фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ замина гузошта, фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳаҷми фурӯшро васеъ намуда, фоидаро бештар мегардонад (с.8).

Муаллиф дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ муайян намудааст, ки захираи назарраси афзоиши фоида аз байн бурдани

пардохтҳои истеҳсолӣ барои музди меҳнат аз ҳисоби пардохт барои бекористии рӯзона ва соатҳои бекористии дохилӣ, пардохтҳои иловагӣ барои кори изофагӣ, пардохтҳои иловагӣ барои коргарон бо сабаби дур шудан аз шароити муқаррарии кор ва ғайра, кам кардани талафот аз ҳисоби нуқсон, вайрон шудани масолеҳ ва маҳсулот, аз ҳисоби хароҷотҳои хизматрасонӣ ва идоракунӣ дар истеҳсолот рафъ сохтани хароҷотҳои ғайриистеҳсолӣ ва талафоти маблағ мебошад (с.9).

Муаллиф омилҳои дохилии ба роҳҳои баланд бардоштани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро ба инобат гирифта, дар асоси маълумотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе таҳлилҳои иқтисодӣ–риёзиро бо истифодаи воситаҳои коррелятсионӣ ва регрессионӣ гузаронидааст (ҷадвали 5), ки тавассути он зичии алоқамандии байни нишондиҳандаҳои иқтисодиро муайян намудааст (с.13) ва дар асоси он дурнамои арзиши аслиро барои солҳои 2023-2030 ҳисоб намудааст (расми 5) (с.16).

Новобаста аз дастовардҳои зикршуда, автореферати тақризшаванда дорои баъзе нуқсону камбудиҳо мебошад, ба монанди:

1. Дар автореферат оид ба таҷрибаи хориҷии идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ маводҳои кофӣ оварда мешуд, он гоҳ қимати таҳқиқот баланд мегардид.

2. Инчунин дар автореферат таҳлилҳои иқтисолӣ – риёзӣ танҳо барои як корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ оварда шудааст ва агар таҳлилҳои корхонаҳои дигар низ нишон дода мешуд, он гоҳ баҳогузории таъсири омилҳои дохилӣ аниқтар мегардид.

Вале бояд қайд намуд, ки дар маҷмӯъ камбудиҳои мазкур на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши назариявию методологӣ ва илмию амалии дисстератсияро паст намекунад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи “Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод гардидааст, ба талаботи бандҳои 31-31-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи баҳисобгирии
бухгалтери ДДҲБСТ Дадоматов Д.Н.

Имзои д.и.и., дотсент Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
мкрн. 17, хонаи 1
Тел.: (83422) 2 38 11, 2 51 70; (+992) 92 856 66 65
Факс: (83422) 2 38 11;
E-mail: dalerdn@mail.ru

*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи “Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Фоида дар баробари ба ҳисоб рафтани ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкорӣ, механизми ҳаракатдиҳандаи фаъолият буда, зиёд шудани он ҳам дар сатҳи макро ва ҳам дар сатҳи микроиқтисодиёт манфиатовар мебошад. Бинобар ин, ҷустуҷӯи роҳҳои оптималии афзоиши ин категорияи иқтисодӣ дар шароити рақобати шадиди истеҳсолӣ ҳанӯз ҳам актуалӣ мебошад. Бидуни муайян намудани омилҳои таъсиррасон, идоракунии усулҳои хароҷоти корхонаҳо ва дарёфти усулҳои нави баландбардории фоида корхонаҳои саноатӣ ба натиҷаҳои ниҳоии худ расида наметавонанд. Иқтисодчиёни ватаниву хориҷӣ дар самти муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба фоидаи корхонаҳои саноатӣ ва идоракунии хароҷоти арзиши аслии маҳсулот таҳқиқотҳоро ба анҷом расонидаанд, аммо ҳанӯз ҳам роҳҳои зиёд намудани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ пурра пешниҳод нагардидааст. Аз ин рӯ, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳамияти муҳимми назариявию амалӣ мебошад.

Аз автореферати диссертатсия ба назар мерасад, ки навгониҳои илмии таҳқиқот аз таҳияи заминаи назариявӣ – методӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои такмили усулҳо ва механизми баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшуда ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои илман асоснокгардидаи таҳқиқот метавонанд барои таҳлил ва идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда мавриди амал қарор дода шавад.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки ҷорӣ намудани навовариҳо дар ҳамаи звеноҳои корхона, бартараф намудани омилҳои таъсиррасон ва паст намудани

арзиши аслии маҳсулот бо нигоҳдошти сифати он боиси афзун гардидани фоидаи корхонаҳои саноатӣ мегардад ва ба он ақида аст, ки на бештар масъалаи "ба корхонаҳо чӣ тавр таъсир расондан", балки масъалаи "корхонаҳо бояд чӣ гуна бошанд", то ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ фоидаовар бошанд, аҳамият дода шавад. (с. 1-2).

Унвонҷӯ муҳиммияти баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро бо далеловариҳои иқтисодӣ асоснок намудааст ва исбот кардааст, ки дар ин нишондиҳанда таъсири ҳамаи омилҳои хоҷагидории истеҳсоли маҳсулоти ширӣ инъикос ёфтааст, зоҳир намудааст, ки омилҳои таъсиррасонанда ба баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мусбӣ ва манфӣ мешаванд ва онҳо яке аз омили муҳими баландбардории рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар мубориза ба рақобатнокии бозорӣ шуда метавонанд (с. 4).

Муаллиф пас аз омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мафҳуми "фоида" таърифи дурустро, ки маҳз дар шароити иқтисоди бозорӣ рост меояд, пешниҳод намудааст ва дар автореферати худ қайд намудааст, ки фоида дар иқтисодиёт афзоиши даромад аз фурӯши молу маҳсулот ва хизматрасонӣ нисбат ба хароҷотҳои истеҳсол ва фурӯш мебошад (с. 8). Дарки завқу рағбати истеъмолкунанда ва истеҳсоли маҳсулот мувофиқи талаботи бозор доираи фурӯши маҳсулоти шириро васеъ менамояд ва омили асосии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошад.

Яке аз бартариятҳои автореферати тақризшаванда дар он аст, ки муаллиф бо истифодаи маълумоти дақиқи оморӣ тавонистааст ҳолати муосири фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанберо таҳлил ва арзёбӣ карда, мушкилоти дар ин соҳа мавҷудбударо муайян намуда, барои ҳалли онҳо тавсияҳои амалӣ пешниҳод намояд.

Сафарзода Г.Г. дар автореферати диссертатсияи худ таъсиси кластерҳоро ҳамчун самти афзалиятноки идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ пазируфта, нақшаи функсионалии кластери саноати ширро пешниҳод намудааст (расми 6, с.17), ки он ҷолиби диққат буда, боиси дастгирӣ мебошад.

Ахиран, дар асоси омӯзиши автерефат маълум гардид, ки диссертатсияи унвонҷӯ дар мавзӯи хело мубрам анҷом дода шудааст ва ба талаботи муқарраршудаи самти таҳқиқот ҷавобгӯ мебошад. Мақсад, вазифаҳо ва навгониҳои илмии диссертасияро ба инобат гирифта, ба хулосае омадем, ки таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ натиҷаи таҳқиқоти мустақили дар сатҳи назаррас таълифгардида ба шумор меравад.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Ногуфта намонад, ки дар автореферат ғайр аз пешниҳод ва ҷиҳатҳои мусбӣ ҳамчунин баъзе нуқсонҳо низ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Агар муаллиф дар баробари амсилаи иқтисодӣ – риёзии арзиши аслии маҳсулотҳои ширӣ, амсилаи маҷмӯии идоракунии хароҷотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро пешниҳод менамуд, қимати илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд.
2. Дар автореферат самаранокии пешниҳоди кластеризатсия-кунонии саноати шир ҳамчун самти афзалиятноки соҳа бо нишондҳои асоснок шарҳ дода нашудааст.

Мазмун ва баҳогузории автореферат гувоҳи он аст, ки камбудиҳои номбаршуда ҷузӣ мебошанд, зеро дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ мустақилона пурра таҳқиқи илмӣ ёфтааст ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиро нишон медиҳад.

Диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи “Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)”, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”,**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Наврӯзов Э.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ» (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир рушди иқтисоди миллӣ асосан бо такя ба соҳаҳои пешбари он таъмин карда мешавад, аз он ҷумла аз саноати миллӣ вобастагӣ доштани он дар барномаю стратегияҳои давлатӣ дарҷ гардидааст. Имрӯз дар назди корхонаҳои соҳаи саноат вазифаҳои муайяне гузошта шудаанд, ки амалигардонии онҳо ба мустақилияту бехатарии иқтисодӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт нигаронида шуда, бояд дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар таъмин карда шаванд. Вобаста ба ин, дар Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 дар самти баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи саноат амалигардонии корҳои зерин таъкид гардидаанд, ба монанди роҳандозии таҷдиди технология ва таҷҳизоти техникии корхонаҳои саноатӣ, ба технологияи каммасрафи барқӣ гузаронидани равандҳои истеҳсолӣ, таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, паст намудани хароҷоти истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноат, таҳия ва пешбурди брендҳои миллии корхонаҳои саноатӣ, баланд бардоштани маҳсулоти бо нишонаи «Истеҳсоли Тоҷикистон» дар бозорҳои хориҷӣ, мусоидат ба ташаккулёбии занҷирҳои рақобатпазири истеҳсолӣ дар соҳа, ки молҳои воридотивазкунанда ва рушди содиротро таъмин мекунанд. [1]

Дар баробари корҳои зикршуда, ки аз фаъолияти ҳадафмандонаи корхонаҳои саноатӣ вобастаанд, шароити тағйирёбандагии вазъи бозорӣ, махсусан шиддатгирии рақобат коркард ва амалигардонии нақша-чорабиниҳои муайянро талаб менамояд, то ин ки натиҷаи пешбининамудаи корхонаҳо дар шакли фоида ба даст оварда шавад. Аз ин рӯ, дар чунин шароит мукаммалгардонии идоракунии

---

[1] Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 – С.4-5

баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ аҳамияти муҳимро ба худ касб мекунад.

Ақидаҳои муаллифро нисбати мухимияти мавзӯи таҳқиқотӣ ва идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ, махсусан корхонахои саноати маҳсулоти ширӣ ба назар гирифта, қайд кардан бамаврид аст, ки такмили асосҳои илмӣ доир ба таҳқиқи масъалаи мазкур ва дар ин замина коркарди тавсияҳои мақсаднок хеле муҳим ва саривақтӣ мебошанд.

Аз рӯи таҳлили автореферати диссертатсия чунин хулосаҳо бароварда шуданд, ки диссертант бо касбияти баланд масоили таҳқиқотро зоҳир сохта, мақсад, вазифа, объект ва доираи таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян намудааст. Дар маҷмӯъ унвонҷӯ тавонистааст, ки асоснокии илмии мафҳумҳои асосии мавзуро баррасӣ намуда, дар асоси он пайдарпайии мантиқии масоили таҳкиқотро муайян кунад ва дар самти иҷрои вазифаҳои гузошташуда натиҷаҳои асоснокро комёб гардад. Хусусияти фарққунандаи кори таҳқиқотии мазкур дар ягонагии сохторӣ ва истифодаи низоми усулҳои мувофиқ ба самти кори диссертатсионӣ мебошад. Қисмати таҳлилӣ ва амалии таҳқиқот дар алоқамандӣ ба қисмати назариявӣ иҷро гардидааст.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти гузаронидашуда дар он аст, ки муаллиф нақш ва аҳамиятнокии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро нисбат ба дигар омилҳо муайян карда, саҳми онро дар афзоиши дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳо нишон додааст ва барои тавсияю пешниҳодҳо аз таҷрибаи хориҷии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳо истифода намудааст. Инчунин, ҳолати муосири идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро таҳлил ва баҳодиҳӣ карда, самтҳои асосӣ ва роҳҳои перспективии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро тавассути пешниҳоди такмилдиҳии низоми он тавсия додааст.

Бояд қайд кунем, ки таҳқиқоти гузаронидашуда бо истифода аз маълумотҳои дақиқ ва маводҳои дар воқеъ тасдиқшуда асос ёфтааст. Нуқтаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия мантиқан дуруст ва асоснок ифода карда шудаанд.

Автореферат таркиб ва мундариҷаи асосии диссертасияро дар худ инъикос намуда, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада ба таври кофӣ тасвиб гардида, дар маводҳои чопкардаи муаллиф нишон дода шудаанд, ки аз онҳо шаш мақолаи илмии дар маҷалаҳои тақризшаванда нашр гардидаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбии қайдгардида, баъзе камбудиҳои ба назаррасидаро низ нисбати таҳқиқоти гузаронидашуда қайд кардан зарур аст:

1) Беҳтар мешуд, агар муаллиф ҳиссаи зиёдшавии фоидаи корхонаҳои саноатии маҳсулоти шириро аз ҳисоби инноватсияҳои (технологӣ ва маҳсулотӣ) дар истеҳсолот татбиқшуда таҳлил ва натиҷагирӣ мекард.

2) Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон аз рӯи аҳамият дараҷабандӣ карда мешуданд.

Эродҳои зикршуда бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд.

Бо эътимоди комил метавон қайд кард, ки кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ» (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириии шаҳри Душанбе), анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Сафарзода Гулбегим Гурез дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – «Иқтисодиёти саноат ва энергетика» дода шавад.

9 ноябри 2023с.

**Муқарриз:**
мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.и., дотсент — Раҳмонов Ҷ. Р.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
**Телефон:** (+992) 919 00 77 22
**E-mail:** jaloliddin78@inbox.ru

«Имзои Ҷ. Р. Раҳмоновро
тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Э. Ш. Тавқиев

11. 11. 23

Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи "Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Саноати хӯрокворӣ бахши муҳими соҳаи саноат буда, таъмини амнияти озуқаворӣ аз рушди он вобастагии калон дорад. Ҳиссаи зиёди истеҳсолоти саноатиро дар мамлакат саноати хӯрокворӣ ташкил дода, таъмини рушди он, баланд бардоштани потенсиали истеҳсолии субъектони хоҷагидор ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта дар асоси "Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025" амалӣ гардида истодааст. Мувофиқи барномаи давлатии мазкур захираҳои ашёи хоми пуриқтидор ва перспективӣ, талаботи доимӣ ба маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ омилҳои муҳим барои зиёд намудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ ва рушди патенсиали содиротии саноати хӯрокворӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат зарурати муайян намудани роҳҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба миён меояд, ки он муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян менамояд.

Тавре аз матни автореферат бармеояд, мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба коркарди роҳҳои самараноки идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар марҳилаи таъмини рушди босуръати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо унвонҷӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳоро ба мақсад мувофиқ гузошта, дар асоси таҳияи навгониҳои илмӣ онҳоро бомуваффақият иҷро намудааст. Муаллиф объекти таҳқиқотро корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе интихоб намудааст ва қайд намудан ба маврид аст, ки маҳз аҳолии шаҳри Душанбе нисбат ба аҳолии дар ноҳияҳо иқоматдошта бештар ба таъмини маҳсулоти ширӣ ниёз доранд.

Муаллиф дар автореферати худ дуруст қайд намудааст, ки “фоида сарчашмаи асосӣ барои пайдо намудани навигариҳо дар истеҳсоли маҳсулот мебошад” (с.8). Инноватсия дар истеҳсолот самти асосии пешрафти соҳа буда, бо ҷорӣ намудани он дар истеҳсолот самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ зиёд мегардад ва аз ҷониби дигар зиёд гардидани ҳаҷми фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ маблағгузорӣ дар самти ҷорӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ афзоиш меёбад.

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналхалқӣ унвонҷӯ дар автореферат қайд намудааст, ки “самаранокии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатӣ аз интихоби усулҳо ва воситаҳои идоракунӣ ва истифодаи оптималии онҳо вобаста мебошад” (с.9).

Дар асоси таҳлили маълумотҳои тавозуни корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе муаллиф ҳаҷми фоидаи соф ва фоиданокӣ аз фурӯшро дар ҳафт соли ҳисоботӣ ҳисоб намуда, омилҳои ба каму зиёдшавии натиҷаи ниҳоӣ таъсиррасонро аниқ қайд кардааст (с.10-11). Сатҳи таъсиррасонии омилҳои дохилии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро ба ҳаҷми фоида муаллиф дар асоси усули риёзии коррелятсиониву регрессионӣ дақиқ шарҳ дода, барои ноил шудан ба ҳадафҳои ниҳоӣ ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва рушди интенсивиро дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ пешниҳод намудааст (с.13-16).

Дар шароити муосир рушди иқтисодиёти миллӣ аз сатҳи таҳаввулоти рақамикунии истеҳсолот вобаста буда, яке аз тағйироти асосие, ки дар натиҷаи ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд меояд, ба таври назаррас коҳиш додани хароҷотҳои истеҳсолӣ ва пеш аз ҳама хароҷоти вобаста ба дастрасии маълумот ва таҳлили он дар корхонаҳои саноатӣ мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии худ бо далеловариҳои илмӣ нишон додааст, ки технологияҳои нав вазифаи истеҳсолиро тағйир дода, меҳнатталабиро камтар мекунанд ва маҳз ин ақидаро ҳамчун яке аз роҳҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ пазируфтааст (с.17).

Бояд иброз намуд, ки автореферат дар сатҳи баланди назариявӣ ва методологӣ навишта шудааст, вале дар он баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

1. Дар автореферат ба баррасии муаммоҳое, ки барои идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дида мешаванд, пурра зикр нагардидаанд.

2. Мутаасифона дар автореферат омӯзиши баъзе паҳлуҳои идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, аз

ҷумлаи идоракунии фурӯши маҳсулоти ширӣ аз диди назари муаллиф дур мондааст.

Дар маҷмӯъ камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзуи "Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)" натиҷаи кори мустақилонаи унвонҷӯ буда, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст ва ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

Ҳасанова Фарзона Шермадхоновна
н.и.и, мудири кафедраи иқтисодиёти
корхонаҳо ва соҳибкории
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
Тел.: +992 985-02-12-10

Ҳасанова Ф.Ш.

Имзои н.и.и ,Ф.Ш. Ҳасановаро
Тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрхо ва корхои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Амиров Ф. А.

Суроға: 756320, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров - 16